33-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ МУБОРАК, ТОҶИКИСТОН!

*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# САДОИ МАРДУМ

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 108 (4848) | ҶУМЪА, 6 СЕНТЯБРИ СОЛИ 2024 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад



# ИФТИТОҲИ ИНШООТИ ҶАШНӢ ДАР НОҲИЯҲОИ ҲАМАДОНӢ ВА ХОВАЛИНГ

**5-уми сентябри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо сафари корӣ ба ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ташриф оварданд.**

Сафари кории Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ бо ифтитоҳи роҳи мошингарди байни деҳаҳои Файзобод ва Тагноб то маркази ноҳия оғоз гардид.

Дар маросими ифтитоҳи роҳи дорои аҳамияти маҳаллӣ иттилоъ доданд, ки дарозии он 14,5 километрро дар бар гирифта, деҳаҳои Файзобод ва Тагноби деҳоти Даштигулҳо, Анҷиркон, Сафедоб, Кодара ва Сафар Гадои деҳоти Панҷрӯд, деҳаи Боғи деҳоти Қаҳрамон ва шаҳраки ноҳияро бо ҳам мепайвандад.

Корҳои сохтмонӣ дар ин масир аз аввалҳои моҳи майи соли равон аз тарафи соҳибкорони ватанӣ бо ҷалби аҳолӣ оғоз гардида, бо харҷи 27,5 миллион сомонӣ анҷом дода шудааст.

Паҳноии роҳ, ки ба категорияи 5-уми роҳдорӣ шомил мебошад, 6 метрро ташкил дода, бо ғафсии 8 см мумфарш карда шудааст. Ин роҳ, асосан, солҳои 60-уми асри гузашта бунёд ёфта, солҳои охир таъмирталаб шуда буд. Вазъи нохуби роҳ ҳаракати нақлиёти боркашу мусофирбарро мушкил мегардонид.

Акнун дар доираи чорабиниҳо бахшида ба Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастуру супоришҳои Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳи мазкур дар муддати кӯтоҳ ва мувофиқ ба талаботи замони муосир навсозӣ шуд.

Таъмиру навсозии роҳи мошингарди байни деҳаҳои Файзобод ва Тагноб то шаҳраки ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ боиси хушҳолии сокинон гардид.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бунёди роҳи мазкурро аз ҷониби соҳибкорони ватанӣ шоистаи таҳсин хонда, амалӣ намудани иқдомҳои созандагиро нишонаи баланди муҳаббату садоқати сокинон ба миллату давлат номиданд.

Дар доираи чорабиниҳо ба истиқболи сазовор аз Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ бунёду навсозии боз даҳҳо километр роҳҳои дорои аҳамияти маҳаллӣ ба нақша гирифта шудааст. Ин тадбир ба беҳтар шудани вазъи иқтисодиву иҷтимоии сокинони ноҳия боис шуда, мушкилоти рафтуомади мардум, махсусан ронандагонро бартараф хоҳад кард.



**5-уми сентябри соли ҷорӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ бинои маркази ташхису табобатӣ ва стоматологиро дар деҳаи Файзободи деҳоти Даштигулҳо мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**

Иншооти нави соҳаи тандурустӣ ба истиқболи Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби соҳибкори маҳаллӣ Азиз Азизов бо усули муосири меъмории ҷавобгӯ ба талаботи меъёрҳои стоматологӣ бо харҷи 7 миллион сомонӣ сохта шудааст.

Зимни шиносоӣ иттилоъ дода шуд, ки бинои тозабунёди маркази ташхису табобатӣ ва стоматологӣ аз ду ошёна иборат буда, дорои 16 ҳуҷра, аз ҷумла ҳуҷраҳои қабул, ташхисгоҳ, дорухона, электрокардиограмма (ЭКГ), ташхиси ултрасадо, ҷарроҳии ҷоғ, духтурони дандон, имплантолог, ортодонт ва озмоишгоҳ барои тайёр кардани дандон ва безарар гардонидани асбобҳои дандондармонӣ, мебошад.

Масоҳати иншооти мазкур 500 метри мураббаъро ташкил дода, он дар як мавзеи бекорхобида бунёд гардидааст ва дар рафти корҳои сохтмонӣ зиёда аз 50 нафар мутахассисони маҳаллӣ ба кор ҷалб шуданд.

(Давомаш дар саҳ. 2)



# НАВРӮЗИ СИЁСӢ

## ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ БАРОИ МО АМСОЛИ ОН АСТ

**Дар арафаи Ҷашни Истиқлоли давлатӣ «Телевизиони Тоҷикистон» иқдоми муҳиму сариваҚтиро пеш гирифтааст, ки дар шинохту дарки моҳияти ин неъмати бебаҳо саҳми бориз хоҳад дошт. Манзур пахши лавҳаҳои таваҷҷуҳбарангезу пурмуҳтаво бо истинод ба суханони пурҳикмати Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст. Хоса, лавҳае, ки дар он Роҳбари давлат таъкид кардаанд: «Истиқлоли давлатиро ба ягон чиз иваз намекунем». Далели раднопазир аст, ки касе беҳтару бештар аз муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аҳамияти Истиқлоли давлатиро бозгӯӣ накардааст. Маҳз, таълифоти ин абармард ва суханрониҳои пурмуҳтавояшон ҳар яки моро дар шинохту дарки истиқлол амиқтар бурд.**

Сарлавҳа баргирифта аз суханони пурҳикмати Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст, ки фармудаанд: «Истиқлолият барои мо амсоли Наврӯзи сиёсист, зеро он аз умеду орзу ба фардои неки Ватан ва сарсабзиҳоиояндаи миллат, ба шукуфоии ҷовидонии кишвари хуршедиамон - Тоҷикистони азизу соҳибистиқлол саршор мебошад».

### ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ, ЯЪНЕ ЧӢ?

Истиқлоли давлатӣ нишонаи асосии давлат, ифодаи соҳибихтиёрӣ ва мустақилияти он дар муайян намудани сиёсати дохилӣ ва хориҷии худ мебошад. Маҳз, соҳиб будан ба истиқлоли сиёсӣ имкон медиҳад, ки давлат ҳамчун ташкилоти сиёсӣ муаррифӣ гардида, онро дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун субъекти мустақили муносибатҳои сиёсӣ эътироф намоянд. Истиқлолияти давлатӣ маънои пурра ва тақсимнашавандаи ҳокимияти давлат дар тамоми қаламрави он, мустақил будан дар пешбурди сиёсати хориҷӣ ва дохилӣ мебошад.

Таҷрибаи давлатдории навини тоҷик гувоҳи он аст, ки дар заминаи ҷонфидоӣ, азми қавӣ, нияти нек ва иродаи шикастнопазири Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Истиқлоли давлатии мо, ки осеби ҷиддӣ дида буд, эҳё гардиду минбаъд такомул ёфт. Аз ин лиҳоз, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамзамон, сипари боэътимоди Истиқлоли давлатии Тоҷикистон маҳсуб мешаванд. Ин нуктаро бори дигар бояд таъкид кард, ки дар дифои Истиқлоли давлатии Тоҷикистон Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нақши асосӣ гузоштаанд. Ба иборaи дигар, ягона неруи муқовиматкунанда ба муқобили амалҳои ғайриқонунӣ ва аъмоли нопоки нотавонбинон маҳз иродаи қавии сиёсии Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гардид.

Сиёсатшиносон собит кардаанд, ки истиқлолияти давлатӣ танҳо бо қабули эъломияи соҳибихтиёрӣ ва ё дигар ҳуҷҷатҳои расмӣ ба анҷом намерасад. Барои пойдории истиқлолият ва ташкили давлати мустақил, ки тавонад ба ҷомеаи ҷаҳонӣ халқро ҳамчун иттиҳодияи устувори сиёсӣ бо фарҳангу унсурҳои миллиаш муаррифӣ кунад, ҳаққи таърихӣ ва замонавии ӯро ҷиҳати мавҷудияти сиёсӣ ва ҳуқуқияш эътироф намоянд, қабл аз ҳама, шаҳрвандон бояд барои расидан ба ин ҳадафҳо пайваста мубориз ва омода бошанд. Ҳамчунин, зарур аст, барои шаклгирии истиқлолияти давлатӣ корҳои муҳими ташкилӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқию фарҳангиеро ба анҷом расонид, ки онҳо таҳкимбахши иттиҳоди устувори сиёсӣ ва истиқлолияти он бошанд. Шакли комили масъалаҳои марбут ба назария ва амалияи истиқлоли давлатиро дар асарҳо, паёмҳо ва суханрониҳои Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дарёфтан мумкин аст, ки онҳо хосияти консептуалӣ дошта, мазмуну моҳияти ин падидаи муҳими сиёсиро бозгӯӣ мекунанд.

(Давомаш дар саҳ. 3)

# ТАҶЛИЛИ ҶАШНИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ ДАР МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОН

**6-уми сентябри соли 2024 дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба Ҷашни 33-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷлиси тантанавӣ баргузор гардид.**



Дар назди иштирокчиёни ҳамоиш Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода баромад намуда, аз ҷумла иброз дошт, ки Ҷашни Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон иди дар арсаи ҷаҳонӣ ҳамчун давлати комилҳуқуқ шинохта шудани Тоҷикистони бароямон бениҳоят азизу муътабар ва муқаддас аст.

- Ҳар гоҳе ки мову шумо аз боби давлату давлатдорӣ ва истиқлоли давлатии тоҷикон сухан меронем, давлати комилҳуқуқ ва соҳибихтиёри Тоҷикистонро дар назар дорем, ки баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ дар интиҳои қарни XX дар арсаи ҷаҳон ба шарофати сиёсати дурбинона ва хастанопазири Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти ҷумҳурӣ, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон арзи ҳастӣ намуд, - гуфт М. Зокирзода.

Иброз гардид, ки воқеан ҳам, истиқлоли давлатӣ волотарин ва пурарзиштарин дастоварди давлату давлатдории тоҷикон дар асри бистум аст, ки дар натиҷаи талошу заҳматҳои шабонарӯзии Пешвои миллат ҳамчун шакли давлатдории мутамаддину пешрафта ташаккул ёфт.

Истиқлолият шиносномаи ҳастии давлати комилҳуқуқ ва соҳибихтиёри тоҷикон дар ҷомеаи ҷаҳонист, ки низоми давлатдорӣ, сиёсати дохилию хориҷӣ, сиёсати иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии хешро мустақилона пеш мебарад.

Шоиста ба зикр аст, ки мо дар як муддати кӯтоҳ заминаи давлатдории навини худро гузошта, соҳиби истиқлолияти воқеии сиёсӣ шудем ва ҳамчун субъекти комилҳуқуқи байналмилалӣ эътироф гардидем.

Тавре Раиси Маҷлиси намояндагон таъкид намуд, дар ин муддати начандон тӯлонӣ асосҳои сохтори конститутсионӣ ва идоракунии давлат танзим гардида, Конститутсияи мамлакат тавассути раъйпурсии умумихалқӣ қабул шуд. Муҳимтарин рамзҳои истиқлолият ва давлатдории миллӣ - Нишону Парчами давлатӣ ва Суруди Миллӣ қабул шуданд, Артиши миллӣ ва неруҳои сарҳадӣ таъсис ёфтанд, таъмини амнияти давлатӣ ва ҳифзи сарҳад ба роҳ монда шуд. Пули миллӣ ба муомилот баромад, шиносномаи миллӣ дар арсаи ҷаҳонӣ эътироф гардид.

- Аҳсану офаринҳо мегӯям, ин ҳама самараи сиёсати осебнопазир ва роҳбариву роҳнамоиҳои абармарди нотакрор, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст, ки мо ба чунин рӯзҳо ва дастовардҳои бузург ноил шудем. Самараи чунин сиёсат буд, ки мо роҳи ҷомеаи адолатпарвару озодандеши ҳуқуқбунёд, демократӣ ва дунявиро пеш гирифтем ва бо симои хоси худ ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ворид гардидем, ба бунёди рукнҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии давлатамон ноил шудем, ваҳдату ягонагӣ ва тамомияти арзии мамлакатро нигоҳ доштем. Имрӯз шукри он мекунем, ки таҳти сарварии Пешвои миллатамон сулҳу амният дар мамлакат пойдор аст, ҳисси худшиносӣ, ватандӯстӣ ва ифтихори миллии мардум боло меравад.

(Давомаш дар саҳ. 3)

# ИФТИТОҲИ ИНШООТИ ҶАШНӢ ДАР НОҲИЯҲОИ ҲАМАДОНӢ ВА ХОВАЛИНГ



**(Идома аз саҳ. 1)**

Маркази ташхису табобатӣ ва стоматологии деҳаи Файзободи деҳоти Даштигулҳо дар масофаи 14 километр дуртар аз маркази ноҳия ҷойгир буда, дар он 30 нафар мутахассиси соҳа, аз ҷумла 10 табиби маълумоти олидор ва 12 нафар корманди миёнаи тиб, соҳиби кори доимӣ ва маоши хуб шудаанд.

Марказ бо дастгоҳу таҷҳизоти муосири ташхису табобати дандон муҷаҳҳаз гардонида шудааст. Хизматрасонии маркази мазкур барои сокинони 12 деҳаи атроф, ки беш аз 25 ҳазор нафарро ташкил менамоянд, пешбинӣ гардидааст. Дар марказ бо назардошти фароҳам будани шароиту иқтидори васеи кадрӣ ва техникӣ имкон аст, ки ба сокинони дигар шаҳру ноҳияҳо ҳам хизмати тиббӣ расонида шавад.

То ин муддат сокинон маҷбур буданд барои якчанд номгӯи хизматрасониҳои тиббӣ дар самти дандондармонӣ ба дигар ҷойҳо раванд, зеро чунин дастгоҳу таҷҳизот ва озмоишгоҳҳои муосир шурӯъ аз ташхису табобат, андозагириву қолабрезии дандон ва дигар нозукиҳои кори соҳа дар ин минтақа мавҷуд набуд.

Иттилоъ дода шуд, ки бо ҷонибдорӣ аз сиёсати иҷтимоии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳидояту роҳнамоиҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳама гуна хизматрасонӣ дар маркази мазкур ба ятимони кулл, шахсони яккаву танҳо, собиқадорони ҷангу меҳнат ва дигар табақаҳои ниёзманди ҷомеа ба таври ройгон пешбинӣ шудааст.

Бинои маркази ташхису табобатӣ ва стоматологӣ дар деҳоти Даштигулҳо бо тарҳи зебо ва хоси соҳаи тандурустӣ қомат афрохта, роҳи мошингарди атрофи он мумфарш, роҳравҳо сафолакпӯш ва бо гулу буттаҳои рангоранг оро ёфтааст.

Худи бино ва кӯчаҳои атрофи он чароғон карда шуда, шабонгоҳ низ намои зебо дорад.

**5-уми сентябри соли равон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо пахши тугмаи рамзӣ ба фаъолияти ҳавзи обсофкунӣ дар ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ оғоз бахшиданд.**

Иттилоъ дода шуд, ки ҳавзи мазкур бо мақсади баланд бардоштани некуаҳволии сокинон бо роҳи беҳсозии идоракунии низоми обёрии хоҷагиҳо дар ҳавзаи дарёи Панҷ, дар минтақаи гурӯҳи ноҳияҳои Фархору Ҳамадонӣ ва Восеъ сохта шуд.

Аз нуқтаи назари ҷуғрофӣ ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар минтақаи пасттар аз сатҳи маҷрои дарёи Панҷ ҷойгир аст ва аз ин сабаб мавзеи мазкур қаблан борҳо аз боришоту обхезӣ хисорот дидааст. Бояд гуфт, ки дарёи Панҷ яке аз дарёҳои серлойи ин минтақа ба ҳисоб меравад ва он сарчашмаи обгирии сарҷӯи «Чубек» мебошад. Ҳамасола аз дарёи Панҷ ба сарҷӯи «Чубек» дар ҳаҷми 700 ҳазор метри мукааб ҷинсҳои омехтаи обоворд ворид гашта, ҷӯйҳои обёрикунандаро пур мекунад ва мардум бо заҳмат ва харҷи зиёд ҷӯю ҷӯйчаҳоро аз ҷинсҳои обоворд тоза мекунанд. Аз ин рӯ, моҳи июли соли 2020 дар доираи лоиҳаи «Идоракунии захираҳои об дар ҳавзаи дарёи Панҷ» масъалаи рафъи таъсири хатарҳои эҳтимолии табиӣ барои аҳолӣ ба миён гузошта шуд.

Лоиҳаи мазкур бо ташаббуси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд, аз ҷумла Бонки осиёии рушд, татбиқ гардид. Паймонкори лоиҳа ҶСК «ТГЭМ» буда, бо ҷалби беш аз 400 нафар муҳандисону мутахассисони маҳаллӣ сохтмони обанбори обсофкунии навъи кӯл дар ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадониро бо сифати баланд ба иҷро расониданд.

Дар доираи амалишавии лоиҳа сохтмони обанбор, мустаҳкамнамоии соҳили минтақа ва инчунин, навсозии пойгоҳи обкашӣ анҷом дода шуд. Корҳои сохтмонӣ дар ин иншоот аз 1 октябри соли 2020 оғоз гардида, то 30 марти соли 2023 ба анҷом расонида шуд.

«Чубек» дар байни шабакаҳои обёрии ҳавзаи дарёи Панҷ калонтарин буда, масоҳаташ 50 ҳазору 160 гектарро ташкил медиҳад. Азбаски дар ин минтақа соҳаи кишоварзӣ асоси тараққиёти иқтисодӣ мебошад, бунёди иншооти мазкур на танҳо аҳамияти иқтисодӣ, балки иҷтимоӣ низ дорад, зеро он бештар аз 60 дарсади аҳолиро бо кор таъмин мекунад. Дар сохтмони иншоот беш аз 80 техникаву механизми гуногун истифода шудааст. Муҳандисону бинокорон барои солиёни зиёд хизмат намудани иншооти обтаъминкунӣ корҳои сохтмониро бо сифати баланд анҷом додаанд.

Дар доираи лоиҳа, ҳамчунин, 2 пули мошингузар сохта, ҷиҳати бо барқ таъмин намудани иншоот ба масофаи зиёда аз 12 километр хати интиқоли барқ кашида шуда, 2 трансформатори 100 киловолта насб гардидааст.

Зимни суҳбат бо масъулин Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид доштанд, ки масъалаи то шаҳри Кӯлоб об расонидан низ мавриди омӯзиш қарор дода шавад, зеро аҳолии шаҳр ва атрофи он, ки шумораашон ба зиёда аз 300 ҳазор нафар мерасад, аз оби ошомиданӣ ва кишоварзӣ танқисӣ мекашанд.

**5-уми сентябри соли ҷорӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи сафари корӣ дар ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонии вилояти Хатлон аз заминҳои Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «ТОҶ-АГРО» боздид намуда, бо вазъи корҳои саҳроӣ шинос шуданд.**

Ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нахуст имкониятҳои обёрӣ ва боғу токзори бо усули нав бунёдшуда муаррифӣ карда шуд.

Бо бунёди 2 ҳавзи нави обсофкунӣ ва насби 3 пойгоҳи обкашию технологияи софкунандаи об имкон фароҳам шудааст, ки 50 гектар замин бо усули қатрагӣ обёрӣ шавад. Пешгирӣ аз сахтшавии қабати замин, дастрасии беҳтари растанӣ ба ғизо ва дигар омилҳо аз афзалияти асосии обёрии қатрагӣ ба ҳисоб мераванд.

Имсол кишоварзони Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «ТОҶ-АГРО» ба таври таҷрибавӣ дар майдони 1,5 гектар боғи интенсивӣ-таҷрибавии себ бунёд намудаанд, ки айни замон дар ҳолати хуби нашъунамо мебошад. Бо мукаммалшавии таҷриба оянда майдони боғҳои бо технологияи нав обёришаванда васеъ карда мешавад.

Роҳбари давлат бо ёдоварӣ аз вазъи кунунии ҷомеаи ҷаҳон ва дучандшавии талаботи аҳолии сайёра ба маҳсулоти хӯроквории беҳсозии имкониятҳоро барои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ҷиҳати расидан ба яке аз чор ҳадафи стратегии Ҳукумати кишвар - таъмини амнияти озуқаворӣ муҳим арзёбӣ намуданд.

Солҳои 2023-2024 бо назардошти талаботи бозори истеъмолӣ дар майдони 17 гектар навъҳои ангури бедона дар асоси таҷрибаи муосир шинонида шудааст. Агар бо усули анъанавӣ дар майдони 1 гектар то 330 буттаи ангур ҷойгир карда мешуд, бо усули нав дар майдони 1 гектар зиёда аз 1300 бутта ҷойгир карда мешавад, ки аз чанд ҷиҳат афзалият дорад.

15 навъи ангури бедонаи хушсифати бозоргири ҷаҳонӣ аз хориҷ ворид карда шуда, баъди мутобиқгардонӣ ба иқлими Тоҷикистон дар ин ҷо шинонида шудааст. Ҳоло меҳнаткашони Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «ТОҶ-АГРО» дар парвариши навъҳои ангури бедонаи дар асоси технологияи муосир парваришёбанда таҷриба пайдо кардаанд ва оянда нақша доранд, ки дар васеъ намудани майдони чунин навъҳои токзор дар кишвар саҳмгузор бошанд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷуҳи хоҷагидоронро ба истифодаи васеи имкониятҳои мавҷуда ва таъмини афзоиши истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазири содиротӣ ҷалб намуданд.

Дар Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «ТОҶ-АГРО» 150 нафар вобаста ба талабот ба корҳои мавсимию доимӣ ҷалб мешаванд. Меҳнаткашон талош доранд ҷиҳати саҳмгузорӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ тавассути дар истеҳсолот ҷорӣ кардани таҷрибаи муосир самаранокии заминро баланд бардоранд.

Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «ТОҶ-АГРО» дар масоҳати 3 гектар замин барои парвариши зироат ва дарахтони ситрусию тропикӣ 2 гармхонаи доимоамалкунанда бунёд намудааст. Ҳоло парвариши ниҳолҳои дарахтони тропикӣ ба таври таҷрибавӣ ба роҳ монда шудааст. Меҳнаткашон нақша доранд, ки тавассути мутобиқгардонӣ ба шароити иқлими Тоҷикистон афзоиши истеҳсоли меваҳои тропикӣ, аз ҷумла манго, банан ва авокадоро таъмин намоянд.

Хоҷагӣ, дар маҷмӯъ, дар ихтиёри худ 75 гектар замини корами обӣ дорад, ки аз ин 22 гектарашро боғи мевадиҳанда ва 50 гектари онро токзор ташкил медиҳад.

Барои нигоҳдории ҳосили меваи боғу токзор дар Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «ТОҶ-АГРО» сардхона бо ғунҷоиши 1000 тонна маҳсулот бунёд гардидааст. Инчунин, дар ҳудуди ҷамъият коргоҳи коркарди асал фаъолият мекунад.

Намунаи маҳсулоти дар хоҷагӣ парваришёбанда ба Президенти ҷумҳурӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муаррифӣ карда шуд.

Сарвари давлат хоҷагидоронро ба истифодаи самараноки замин, вобаста ба шароити дигаргуншавии иқлим ба роҳ мондани парвариши растаниҳо, ҳар чӣ бештар дар истеҳсолот ҷорӣ кардани таҷрибаи муосир ва рушди соҳаи кишоварзӣ ҳидоят намуданд.

**5-уми сентябри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳраки Ховалинги ноҳияи Ховалинг бо бардоштани парда аз рӯи лавҳаи хотиравӣ бинои нави беморхонаи марказии ноҳияро ба истифода дода, бо шароити кору фаъолият ва хизматрасонӣ дар он шинос шуданд.**

Бунёди бинои нави беморхона дар доираи татбиқи «Лоиҳаи беҳтарсозии хизматрасонии тиббӣ ба модару кӯдак» бо маблағи 3 миллиону 410 ҳазор доллари амрикоӣ амалӣ гардидааст. Корҳои сохтмонии ин муассисаи тиббӣ моҳи сентябри соли 2022 оғоз гардида, моҳи августи соли 2024 ба итмом расид.

Дар рафти сохтмон муҳандисону сохтмончиёни ширкати «Строй Сентр» масолеҳи хушсифати сохтмонии ватаниро истифода карда, талабот ва меъёрҳои стандартиро риоя намудаанд.

Муассисаи нави тандурустӣ аз 3 бино – бинои асосии сеошёна, таҳхона, ду бинои дуошёна, дегхона, анбор барои захираи маводи сӯхт, манораи обфишор, трансформатори барқӣ бо иқтидори 250 квт/соат, генератори дизелӣ бо иқтидори 200 квт/соат ва иншооти ёрирасон иборат аст.

Дар беморхонаи марказӣ фаъолияти шуъбаи қабули калонсолон ва шуъбаи қабули хурдсолон бо фарогирии 80 кат роҳандозӣ гардида, дар ин замина, шуъбаҳои амрози дохила, ҷарроҳӣ, ёрии таъҷилӣ, таваллуд, ёрирасон ва маъмурият барои хизматрасонӣ омода гардидаанд.

Дар баробари бунёд гардидани бинои нави беморхонаи марказӣ ба муассисаи мазкур дастгоҳу таҷҳизоти муосири тиббӣ, ба монанди рентгени рақамӣ, оксигенераторҳо, дастгоҳи ташхиси ултрасадо, сабти барқии дил, таҷҳизоти муосир барои ташхис ва табобати гурда, биоанализатор, дастгоҳҳои нафасдиҳии сунъӣ, автоклав ва таҷҳизоти беҳдоштӣ, ворид ва насб карда шудааст.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суҳбат ба кормандони беморхона ҷиҳати бештар такмил додани сатҳи тахассуси онҳо, баланд бардоштани сифати хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ ва муоширати хубу масъулияти баланд доштан дар кору фаъолият тавсияҳои судманд доданд.

Мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтани беморхонаи марказии муҷаҳҳаз бо дастгоҳу таҷҳизоти муосири тиббӣ дар беҳтарсозии инфрасохтори шабакаи муассисаҳои тандурустии ноҳия мусоидат намуда, барои сари вақт ошкор, ташхис ва табобати бемориҳои гуногун ба беморон хизмат мерасонад.

Аз тарафи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати ташаккули инфрасохтори соҳаи тандурустӣ, сари вақт ва босифат расонидани ёрии тиббӣ ба кормандони беморхона ду мошини ёрии таъҷилӣ тақдим карда шуд.

Саҳни ҳавлии беморхона сабзкорӣ гардида, дар он зиёда аз 100 бех дарахти ороишӣ, сояафкан ва гулу буттаҳо шинонида шудааст.

Баробари ба фаъолият оғоз намудани бинои нави беморхонаи марказӣ дар ноҳияи Ховалинг 125 корманди соҳаи тиб бо ҷойи кор таъмин гардиданд. Мутахассисону кормандони муассисаи тандурустӣ тавассути ҷорӣ намудани стандартҳои хизматрасонии тиббӣ барои ташхис ва табобат метавонанд устуворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба муолиҷаро таъмин намоянд.

Мавриди зикр аст, ки дар ноҳияи Ховалинг 48 муассисаи тандурустӣ фаъолият дошта, дар онҳо 374 табиб ва ҳамшираи шафқат ба 62 ҳазору 295 нафар аҳолии ноҳияи Ховалинг хизмати тиббӣ мерасонанд.

Хотиррасон бояд намуд, ки рушди соҳаи тандурустӣ, ташаккули инфрасохтори соҳа ва бо назардошти зиёдшавии аҳолӣ бунёди муассисаҳои тиббии муосир дар баробари дигар ҳадафҳои муайянгардидаи «Стратегияи ҳифзи солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» амалӣ гардонида мешавад. Ин аст, ки танҳо дар 6 моҳи аввали соли 2024 дар ҷумҳурӣ 34 муассисаи тандурустӣ сохта ба истифода дода шуда, 110 муассисаи соҳа таъмиру таҷдид гардидааст.

**5-уми сентябри соли ҷорӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бинои маъмурии кумитаи идораи замин ва корхонаи давлатии фаръии бақайдгирии молу мулки ғайриманқул дар ноҳияи Ховалингро, ки дар доираи омодагиҳо ба Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон сохта шудааст, мавриди истифода қарор доданд.**

Бино дар маҳаллаи Бобо-Юнуси шаҳраки Ховалинг бунёд гардида, аз ду ошёна бо таҳхона, 10 ҳуҷраи корӣ ва маҷлисгоҳ бо мизу курсӣ ва таҷҳизоти техникӣ муҷаҳҳаз шудааст ва дар он барои кормандон шароити хуби корӣ муҳайё мебошад.



Дар ошёнаи якум шуъбаи бақайдгирӣ ва хизматрасонӣ, шуъбаи заминсозӣ ва ҳуҷраи кории кормандон ҷойгир шудааст. Ҳамаи ҳуҷраҳо бо лавозимоти зарурӣ, аз қабили мизу курсӣ, ҷевон барои ҷойгир намудани ҳуҷҷатҳо ва компютерҳо, таъмин мебошад.

Дар ошёнаи дуюми иншоот ҳуҷраҳои кории маъмурият ва кормандони соҳа ҷойгир аст. Корҳои ободонӣ ва сарсабзу хуррам гардонидани атрофи бино дар сатҳи баланд ба анҷом расонида шуда, роҳи даромадгоҳи муассиса мумфарш ва бо тахтасангҳо, Парчами давлатӣ, сутунпояҳои равшанидиҳӣ, гулу буттаҳои мавсимию ҳамешасабз оро ёфтааст.

Дар таҳхонаи бинои маъмурӣ бойгонии ҳуҷҷатҳои соҳавӣ ҷойгир карда шуда, он бо бойгонии электронии марказӣ пайваст мебошад.

Дар бино китобхона, мизу курсиҳои ба шароити замон мутобиқ, ҳуҷраҳои корӣ барои маъмурият ва кормандони кумитаи идораи замин ва корхонаи давлатии фаръии бақайдгирии молу мулки ғайриманқул



дар ноҳияи Ховалинг ҷойгир карда шудааст.

Корҳои сохтмонии бинои нави маъмурӣ моҳи ноябри соли 2023 оғоз гардида, моҳи августи соли 2024 аз ҷониби ширкати ватании «Тахт-иншоот» бо истифодаи истеҳсоли масолеҳи сохтмонии ватанӣ мутобиқи талаботи стандартҳои давлатӣ ба анҷом расонида шудааст.

Дар раванди корҳои сохтмонӣ 16 нафар ба кор ҷалб карда шуда, лоиҳа дар муҳлати муқарраргардида бо сарфи маблағи беш аз 3,2 млн. сомонӣ амалӣ гардид.

Зимни шиносоӣ бо тарҳи бино Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сифати корҳои сохтмонӣ ва шароити муҳайёгардида баҳои баланд доданд.

Ифтитоҳи бинои нави кумитаи идораи замин ва корхонаи давлатии фаръии бақайдгирии молу мулки ғайриманқул дар ноҳияи Ховалинг муҳити кории кормандони соҳаро ба




замони муосир мутобиқ гардонида, сатҳу сифати хизматрасониро ҷиҳати анҷом додани корҳои заминсозӣ, бақайдгирии молу мулки ғайриманқул, таҳияи лоиҳаҳои иншооти сохташаванда, парвандаҳои заминсозӣ, тайёр намудани шиносномаи техникии манзилҳои истиқоматӣ, биноҳои маъмурӣ, хизматрасонӣ ва корхонаҳои истеҳсолӣ боз ҳам беҳтар намудааст.

Зимни суҳбат бо кормандони соҳа Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба такмили таҷрибаи мутахассисон, баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ба муштариён, дастгирии соҳибкорони маҳаллӣ, истифодаи васеи воситаҳои муосири техникӣ, барномаҳои электронӣ ва дар муҳлати муқарраргардида иҷро намудани корҳо тавсияҳои судманд доданд.

Бояд гуфт, ки имрӯз дар пешбурди корҳо системаи худкори бақайдгирӣ фаъол мебошад, ки ин дар шаффофияти корбарӣ заминаи мусоидро фароҳам овардааст.

Айни ҳол дар бойгонии корхонаи давлатии фаръии бақайдгирии молу мулки ғайриманқул дар ноҳияи Ховалинг беш аз 7 ҳазор парванда маҳфуз аст. Ҳамаи он ба бойгонии электронӣ ворид карда шуда, ба махзани ягонаи марказӣ пайваст мебошад. Бо электронӣ гардидани бойгонӣ муроҷиаткунандагон имкон доранд, ки ҳуҷҷатҳои лозимаи худро сари вақт дар муҳлати кӯтоҳ дастрас намоянд.

**5-уми сентябри соли равон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маҳаллаи Мирзо Турсунзодаи шаҳраки Ховалинг бинои «Меҳмонхона-истироҳатгоҳи лаёқатмандон»-ро, ки дар доираи корҳои ободонию бунёдкорӣ бахшида ба Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёд шудааст, мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**

Бинои «Меҳмонхона-истироҳатгоҳи лаёқатмандон» бо тарҳу сохти меъмории муосир сохта шуда, аз 3 ошёна иборат мебошад.

Иншооти мазкур аз 54 ҳуҷра, толори маҷлис бо 50 ҷой, толори компютерӣ бо 50 курсӣ ва 30 компютер иборат аст.

Ҳуҷраҳо ва биноҳои ёрирасони иншоот бо таҷҳизот ва лавозимоти ба талаботи ҷаҳонӣ ҷавобгӯй муҷаҳҳаз мебошад. Бинои меҳмонхона дорои системаи гармидиҳии алоҳида мебошад.

Иншоот аз ҷониби соҳибкорони маҳаллӣ Абдулло Ҳасанов ва Исмоил Садиров бо сифати баланд бунёд гардидааст. Масоҳати замини меҳмонхона 10000 метри мураббаъро ташкил дода, ба макони хуби истироҳату фароғати ҷавонони болаёқат табдил ёфтааст.

Дар рафти корҳои сохтмонӣ зиёда аз 150 бинокор аз ҳисоби сокинони маҳаллӣ ба кор ҷалб карда шуда, бо маоши хуб таъмин буданд.

Зимни шиносоӣ бо бинои «Меҳмонхона - истироҳатгоҳи лаёқатмандон» Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба тарҳу намо, сифати иҷрои корҳои сохтмонӣ ва шароити фароҳамшуда барои ҷавонону наврасони лаёқатманд баҳои баланд доданд.

Дар ин макон хонандагони болаёқат имкон доранд, ки дар баробари истироҳату фароғат ба машғулиятҳои гуногун бо иштироки омӯзгорони ботаҷриба машғул шаванд.

Дар майдони васеи назди иншоот панҷ фаввора ва ду суҳбаткада бунёд гардида, ҳавлӣ бо роҳравҳои замонавӣ ва муҳити сабзу хуррам оро ёфтааст. Аз ҷумла, дар атрофи бино зиёда аз 120 ниҳоли дарахти ҳамешасабзи ороишӣ шинонида шудааст. Рӯ ба рӯи бино нуқтаи фароғат барои 40 нафар бунёд гардидааст.

Ҳангоми суҳбат Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъулони соҳаро ба истифодаи самараноки иншоот ва ҷалби ҷавонону наврасони лаёқатманди кишвар ва дастгирию ҳавасмангардонии онҳо ҳидоят намуданд.

Насби чароғҳои замонавии равшанидиҳандаи иншооти мазкур дар шабонгаҳ симои бинои навро куллан тағйир дода, ин ҷоро зебою назаррабо менамояд.

«Меҳмонхона-истироҳатгоҳи лаёқатмандон», ки барои ҷавонони лаёқатманди ҷумҳурӣ пешбинӣ шудааст, туҳфаи арзанда барои насли ояндасози миллат мебошад.

Дар толори «Меҳмонхона-истироҳатгоҳи лаёқатмандон» Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо як гурӯҳ наврасону ҷавонони лаёқатманди кишвар мулоқоти самимӣ доир карданд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ифтитоҳи маркази муосири фароғатиро боз як ғамхории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои насли ояндасози кишвар арзёбӣ намуданд.

Президенти кишвар вобаста ба масъалаҳои муҳими соҳаи маориф, дастгирии ин бахш, беҳтарсозии сифати таълиму тарбия, дастрасии хонандагону донишҷӯён ба омӯзиши илмҳои муосир, технологияи компютерӣ ва таъмини ташаккули ҷаҳонбинии онҳо андешаронӣ намуданд.

Дар вохӯрӣ наврасону ҷавонон ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои ҳамаи ғамхориҳо, таъмини шароити беҳтарини илмомӯзӣ ва ғамхории падарона изҳори сипосу миннатдорӣ карданд.

Дар фароварди мулоқот ба 50 нафар ҷавони хуштолеъ туҳфаҳои арзандаи Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тақдим гардид.

**5-уми сентябри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳраки Ховалинг бинои маъмурии шуъбаи Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаро, ки дар доираи нақшаи чорабиниҳо ба истиқболи Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон сохта шудааст, мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**

Бинои маъмурии шуъбаи Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Ховалинг аз ду ошёна, 15 ҳуҷраи корӣ, китобхона, нуқтаи равзанаи ягона ва ҳуҷраҳои санитарии дохилию берунӣ иборат мебошад. Ҳуҷраҳои корӣ ва толори маҷлис бо мизу курсӣ ва таҷҳизоти техникӣ ҷиҳозонида шуда, дар он барои кормандон шароити зарурии корӣ муҳайё гардидааст.

Равзанаи ягона барои қабули шаҳрвандон, китобхона, 5 ҳуҷраи корӣ барои кормандон ва ҳуҷраҳои санитарӣ бо насби таҷҳизоти муосир дар ошёнаи якум ҷойгир шудааст.

Роҳи мошингард аз шоҳроҳи асосӣ то бинои нави шуъбаи Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Ховалинг ба дарозии 104 метр мумфарш гардидааст.

Дохили бино бо насби овезаҳои муқаддасоти миллӣ ва дигар навиштаҷоти соҳавӣ ва атрофи бино бо гулу буттаҳои мавсимӣ ва ниҳолҳои ҳамешасабзи ороишӣ зебу зиннат дода шудааст.

Корҳои сохтмонии бинои нави шуъбаи Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Ховалинг моҳи апрели соли 2022 оғоз гардида, моҳи августи соли 2024 ба итмом расидааст. Дар сохтмони иншоот масолеҳи хушсифати ватанӣ истифода гардида, талаботи меъёрҳои стандартӣ тибқи лоиҳаи муқарраргардида риоя шудааст.

Ҳангоми шиносоӣ бо бинои нави маъмурӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба тарҳу намо, сифати иҷрои корҳои сохтмонӣ ва шароити фароҳамгардида баҳои баланд доданд.

Бунёд гардидани чунин бинои хуштарҳу замонавӣ ва дастрасӣ пайдо намудани кормандони соҳа ба лавозимоти зарурӣ сатҳи хизматрасониро дигар намуда, дар пешбурди таъиноти нафақаи суғуртаи иҷтимоӣ шароити мусоид фароҳам овардааст.

**(Давомаш дар саҳ. 3)**

# ИФТИТОҲИ ИНШООТИ ҶАШНӢ ДАР НОҲИЯҲОИ ҲАМАДОНӢ ВА ХОВАЛИНГ



(Идома аз саҳ. 2)

Аснои шиносоӣ бо иншоот Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кормандони соҳаро ба масъулияти баланд дар иҷрои кору хизматрасонӣ, садоқати меҳнатӣ, ҳифзи манфиатҳои миллӣ, таъмини шаффофияти корбарӣ, такмили маҳорати касбӣ ва ба муносибату муоширати хуби корӣ бо мардум ҳидоят намуданд.

**Дар доираи сафари корӣ ба ноҳияи Ховалинги вилояти Хатлон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз боғҳои себ ва хучи Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Оби Ховалинг» боздид намуданд.**

Иттилоъ дода шуд, ки ширкат дар ихтиёри худ 16 гектар боғ ва дигар заминҳои кишоварзӣ дорад. Дар заминҳои хоҷагӣ имконияти зиёд кардани боғҳои ангур ва хуч мавҷуд аст.

Коргарон дар заминҳои боғҳои интенсивӣ ва бобоӣ ба парвариши дарахтони себ, гелос, чормағз, нок ва хуч машғуланд. Дар боғҳои ширкат 10 нафар коргар ба таври доимӣ ва дар мавсими ҷамъоварии ҳосил иловатан 30 нафар ба кор ҷалб мешаванд.

Аз ҳосили себу хуч дар ҶДММ «Оби Ховалинг» афшура низ тайёр карда мешавад.

Зимни шиносоӣ бо вазъи боғҳо Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба хоҷагидорон барои васеъ кардани майдони боғҳои интенсивӣ, бо ин роҳ афзун намудани ҳаҷми истеҳсоли мева ва таъмини бозорҳои дохилӣ ва рушди содироти маҳсулот дастуру ҳидоятҳо доданд.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи сафари корӣ дар ноҳияи Ховалинг бинои маркази савдои «Беназир»-ро фосилавӣ мавриди истифода қарор доданд.**

Маркази савдои «Беназир» ба маблағи 5,5 миллион сомонӣ аз ҷониби соҳибкори ватандӯст Зафар Сафаров бунёд шудааст.

Бинои марказ аз ду ошёна иборат буда, масоҳати он 2200 метри мураббаъро ташкил медиҳад.

Маркази савдо аз 95 нуқтаи фурӯши маҳсулоти ниёзи мардум, ба монанди хӯроквори, масолеҳи сохтмонӣ, қолинҳо, таҷҳизоти рӯзгор, маводи ороишӣ, дорухона ва коргоҳи дӯзандагӣ барои занону ҷавондухтарон, иборат аст.




Бо мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтани маркази савдои «Беназир» 130 нафар бо кори доимӣ таъмин гардидаанд, ки аз ин нишондод 30 нафар занону ҷавондухтарон ба коргоҳи дӯзандагӣ ҷалб карда шудаанд.

Коргоҳи дӯзандагии мазкур бо дастгоҳҳои электронии дӯхти либос ва дигар лавозимоти зарурӣ таъмин карда шудааст.

Инфрасохтор ва намои бинои марказ бо риояи санъати баланди меъморӣ ва чароғонкунии муосир оро дода шуда, аз вусъати созандагӣ ва неруи тоза гирифтани бунёдкориҳо дар ноҳияи Ховалинг шаҳодат медиҳад.

Иншооти хуштарҳу замонавии навбунёд дар доираи дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба истиқболи Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмин ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ, беҳтарсозии малакаи касбӣ ва бо шуғли доимӣ фаро гирифтани аҳолӣ сохта шудааст.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иқдоми созандаи соҳибкорро дар роҳи саҳмгирӣ ҷиҳати ободию пешрафти Ватан шоистаи таҳсин хонданд.

Ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки мақсади бунёди коргоҳи дӯзандагӣ саҳмгузорӣ дар яке аз ҳадафҳои стратегӣ - саноатикунонии босуръати кишвар, таъмини занону ҷавондухтарони маҳаллӣ бо ҷои кори доимӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ мебошад.

Тавре иттилоъ доданд, дар доираи эълон гардидани солҳои 2022-2026 «Солҳои рушди саноат» дар ду соли охир дар кишвар зиёда аз 1200 коргоҳу корхонаи нави истеҳсолӣ бо 11 ҳазор ҷойи корӣ таъсис дода шудааст.

Ёдовар бояд шуд, ки дар натиҷаи дастгириҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соҳибкории хурду миёна шумораи субъектҳои соҳибкорӣ дар 7 соли охир аз 62 ҳазор ба 350 ҳазор расидааст.

Танҳо дар соли 2023 соҳибкорони кишвар 715 корхонаи нави истеҳсолӣ бо 5 ҳазор ҷойи корӣ сохта ба истифода супоридаанд.

---

**www.prezident.tj**

# НАВРӮЗИ СИЁСӢ

## ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ БАРОИ МО АМСОЛИ ОН АСТ

(Идома аз саҳ. 1)

Муҳаққиқон дар мавриди он ки истиқлолият мустақилияти сиёсӣ ва соҳибихтиёрии давлатӣ дар фаъолияти сиёсати дохилӣ ва берунӣ мебошад, ки ба дахолат кардани давлатҳои дигар қатъиян роҳ намедиҳад, ҳамфикр буда, онро озодии иродаи миллӣ, шаъну шараф, қудратмандӣ ва яке аз рукнҳои асосии ҳастии ҳар як давлати мустақил арзёбӣ кардаанд. Чунин маънидодкунии истиқлоли давлатӣ хосияти бисёрҷанба дошта, паҳлуҳои сиёсӣ, ҷамъиятӣ ва маънавии онро дар бар мегиранд.

Моҳиятан истиқлол барои давлат меъёри меҳварӣ ба ҳисоб рафта, дар сурати аз даст додани он давлат аз байн меравад. Маҳз истиқлол имкон медиҳад, ки давлат, ҳувият, ягонагӣ, худмуайянкунӣ ва фаъолияти низоми ҳокимиятро ташаккул диҳад. Аз ҷониби дигар, истиқлоли давлатӣ ба сифати меъёри муҳими муайянкунандаи давлат ҳамчун субъекти мустақили муносибатҳои сиёсӣ мавҷудияти онро кафолат дода, баҳри ишғоли мақоми сазовор дар низоми ҷаҳонӣ мусоидат мекунад.

**АЗ СОҲИБИХТИЁРИИ ХАЛҚӢ ТО ДАВЛАТӢ**

Вақте сухан дар бораи истиқлоли давлатӣ меравад, бояд ба ҳеҷ ваҷҳ соҳибихтиёрӣ аз мадди назар дур намонад. Хусусияти муҳими таркибии давлат, ки мавҷудияти давлатро ифода мекунад, соҳибихтиёрӣ мебошад.

Собит гардидааст, ки дарки соҳибихтиёрии давлат аз соҳибихтиёрии халқ сарчашма мегирад. Иродаи халқ ҳокимияти давлатиро ба вуҷуд меорад. Давлат ҳамчун намояндаи расмии халқ иродаи шаҳрвандони худро ифода мекунад, ҳуқуқ ва манфиатҳои онҳоро танҳо дар сурати соҳибихтиёр будан пурра таъмин менамояд. Таҷрибаи ҷаҳонӣ собит менамояд, ки маҳз истиқлолияти давлатӣ ба инсонҳои дар асоси махсусиятҳои этникӣ, миллӣ ва иҷтимоӣ муттаҳидшуда имкон фароҳам меорад, ки дар паҳнои ирода озодона дар қолаби ҳуқуқҳои эътирофшуда рушди маънавию моддии худро таъмин созанд. Аз назари мутахассисони илми ҳуқуқ ва сиёсатшиносон, истиқлоли давлатӣ сарчашмаи худро аз соҳибихтиёрии давлат мегирад. Дар навбати худ, соҳибихтиёрии давлатӣ як навъи соҳибихтиёрии умумӣ буда, усулан ба се навъ тақсим мешавад: соҳибихтиёрии халқӣ, соҳибихтиёрии миллӣ ва соҳибихтиёрии давлатӣ. Соҳибихтиёрии халқӣ ба усули идораи халқӣ такя менамояд, ки дар он манбаи ҳокимияти сиёсиро халқ - шаҳрвандони кишвар ташкил медиҳанд. Омили калидии соҳибихтиёрии халқӣ интихоботи озод, мавҷудият ва рушди парламентаризм маҳсуб мегардад. Соҳибихтиёрии миллӣ ин ҳуқуқи миллат ҷиҳати мустақиман, бе дахолати беруна муттаҳид шуда, таъсис додани давлати мустақил ва муайянкунии мақоми сиёсии худ аст. Соҳибихтиёрии давлатӣ зинаи охирини соҳибихтиёрист, ки мустақилияти давлатро дар дохил ва хориҷ муаррифӣ менамояд. Танҳо давлати соҳибихтиёр ҳуқуқи дар муносибатҳои байналхалқӣ ҳамчун субъекти мустақил баромад карданро дорад. Дастрасии ҳуқуқӣ ва амалӣ ба ин се навъи соҳибихтиёрӣ, дар маҷмӯъ, халқу миллатҳоро ба истиқлолияти давлатӣ мерасонад.

**МО ТАВОНИСТЕМ**

Ёздаҳ сол қабл дар суханронӣ ба муносибати Рӯзи Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин гуфтанд: «Мо ба ҷаҳониён собит хоҳем кард, ки миллати воқеан мутамаддину заҳматкаш, ободгару созанда ва сулҳхоҳу ваҳдатгаро ҳастем. Ва Тоҷикистони азизу маҳбубамонро минбаъд низ дар арсаи ҷаҳон ҳамчун давлати демократӣ ва озоду пешрафта муаррифӣ хоҳем кард».

Ҳарчанд аз он айём вақти зиёд нагузаштааст, вале бо итминон гуфта метавонем, ки мардуми шарифи кишвар бо роҳбарии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба он мақсади неки худ расиданд. Зеро ҷодае, ки бо роҳнамоии ин абармарди дунёи сиёсат интихоб кардем, ҳадафҳои бузурге, ки пеш гирифтем, ба рушди устувори сиёсӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ ва маънавӣ такони ҷиддӣ бахшиданд.

Истиқлол ва соҳибихтиёрӣ дар назди шаҳрвандони Тоҷикистон вазифаи басо пурифтихор, вале бисёр пурмасъулияти таърихӣ, яъне бунёди давлати мутамаддини ҷавобгӯ ба орзуву ормон ва манфиатҳои халқи кишвар ва эҷоди аркони давлатдории муосирро пеш гузошта буд. Хушбахтона, дар ин самт комёбем ва ҳамон тавре Пешвои миллат гуфтанд: «Мо метавонем дилпурона изҳор намоем, ки аз уҳдаи иҷрои ин вазифаи таърихӣ сарбаландона баромадем».

---

**Далер АБДУЛЛО,**
**муовини сармуҳаррири рӯзномаи «Садои мардум»,**
**номзади илмҳои сиёсӣ**

# ТАҶЛИЛИ ҶАШНИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ ДАР МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОН



(Идома аз саҳ. 1)

Дар чунин рӯзҳои пурнишот моро лозим аст, ки бештар ба таърихи навини давлатамон назар афканда, аз ин давра сабақ омӯзем, - таъкид намуд Маҳмадтоир Зокирзода.

Дар ин ҳамоиши идона, ҳамчунин, муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Мавсума Муинӣ, вакили Маҷлиси намояндагон Солеҳа Холмаҳмадзода ва сардори раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон Абдуқодир Комилзода роҷеъ ба дастовардҳои даврони соҳибистиқлолӣ маърӯза намуданд.

Дар интиҳои ҳамоиш, ба ифтихори Ҷашни 33-солагии Истиқлоли давлатӣ ба се корманди Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон - Зайнулобиддин Боқизода, муовини роҳбари Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон, Шаҳло Сафарзода, муовини сардори раёсати коргузорӣ, назорат ва қабули шаҳрвандони Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон, медали Хизмати шоиста ва ба Ҳалима Species Species

---

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи МНМО ҶТ.**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

# ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ

## САРЧАШМАИ ИҚДОМҲОИ НАВУ СОЗАНДА БАРОИ ҶАВОНОН

**Ҷавонон дар ҳама давру замон неруи пешбарандаи ҷомеа ба ҳисоб мераванд. Бинобар ин, кишварҳои пешрафтаи сайёра барномаҳои миллии хешро бо такя ба ин неруи созанда тарҳрезӣ намуда, ҷавононро дар меҳвари сиёсати давлатии худ ҷой медиҳанд. Пешвои миллат ба ҷавонони кишвар ҳамчун неруи фаъолу боғайрат, ташаббускору созанда эътимоди зиёд доранд ва дар раванди бунёди ҷомеаи демократӣ ва ободу пешрафта ба онҳо такя мекунанд. Бо назардошти ин, коршиносон ба он назаранд, ки ғамхорию таваҷҷуҳе, ки ба ин қишри ҷомеа зоҳир мегардад, бесобиқа аст.**

Дар даврони соҳибистиқлолӣ Пешвои миллат нисбат ба ҷавонон таваҷҷуҳ ва ғамхории махсус зоҳир намуда, онҳоро сарчашмаи иқдомҳои наву созанда, неруи созандаю бунёдкор, пешбарандаи ҷомеаи навини кишвар ва ояндаи халқамон эълон карданд.

Дар ин давра ҷиҳати пешбурди сиёсати давлатии ҷавонон ва фароҳам овардани шароити мусоид барои инкишофи ҳамаҷонибаи онҳо як силсила нақшаву барномаҳо қабул ва амалӣ шуда, татбиқи барномаҳои дигар идома дорад. Ин санадҳо риояи ҳуқуқҳои конститутсионии ҷавононро таъмин намуда, ба боло рафтани мақоми онҳо дар ҳаёти сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоию маънавии ҷомеа, беҳтар гардонидани шароити зиндагиву таҳсил, касбомӯзӣ мусоидат мекунанд.

Хислати наҷиби дигари Роҳбари мамлакат он аст, ки барои ҳавасманд гардонидани ҷавонону наврасони соҳибистеъдод як қатор имтиёзҳо муқаррар намуда, ҷалби онҳоро ба корҳои идоракунии давлатӣ муҳим шумориданд.

Барои дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии ҷавонони соҳибистеъдод стипендияҳои президентӣ ва номӣ, квотаи президентӣ, Стипендияи байналмилалии президентӣ - «Дурахшандагон», грантҳои Ҳукумати Тоҷикистон дар самти тарбияи ватанпарастии ҷавонон, Ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ барои олимони ҷавон, таъмини оилаҳои ҷавон бо манзил ва қитъаи замин муқаррар шуда, сол аз сол ҷалби ҷавонони лаёқатманд ба идоракунии давлатӣ ва пешбарии онҳо ба вазифаҳои роҳбарикунанда афзуда истодааст.

Аз он ифтихормандем, ки 3 сол қабл дар Паёмашон ба мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузори мамлакат Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҷавонон таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, зикр карданд: «Ҷавонони мо дорои ҳисси баланди миллӣ ва эҳсоси гарми ватандӯстиву ватанпарварӣ буда, дар мубориза бо ҳама гуна хавфу хатарҳое, ки зидди давлату миллатанд, омода мебошанд ва манфиатҳои миллиро аз ҳар манфиати дигар боло медонанд. Мо бо ҷавонони бонангу номуси худ ифтихор мекунем ва барои ҳалли масъалаҳои онҳо минбаъд низ тамоми тадбирҳоро амалӣ мегардонем».

Дар солҳои соҳибистиқлолӣ бо мақсади баланд бардоштани нақши ҷавонон дар ҷомеа тадбири зиёд андешида шуд. Дар ин муддат, вобаста ба ҳифзи ҳуқуқҳои ҷавонон, ҳалли масъалаҳои муҳими ҳаёти онҳо, инчунин, амалисозии босамари сиёсати давлатии ҷавонон як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардиданд, ки татбиқи онҳо боиси хеле боло рафтани нақши ҷавонон дар ҳаёти ҷомеа гардид.

Ба хотири боз ҳам тақвият бахшидани нақши ҷавонон дар идоракунии давлат солҳои охир барномаи рӯй овардан ба ҷавонон роҳандозӣ гардида буд, ки ин боз як қадами ҷиддӣ дар самти татбиқи муваффақонаи сиёсати давлатии ҷавонон мебошад. Дар баробари ин, солҳои охир ҷиҳати самаранок гузаронидани вақти ҷавонон, аз ҷумла ба илму касбомӯзӣ, варзиш ва таблиғи тарзи ҳаёти солим, таваҷҷуҳи махсус зоҳир шуда, дар ин самт аз усулҳои муосиру пешқадами таълиму омӯзиш истифода карда мешавад. Ин иқдом натиҷаи назаррас ба бор оварда, дастоварди варзишгарони мо дар мусобиқаҳои байналмилалӣ, хоса Бозиҳои XXXIII олимпии Париж - 2024, шаҳодати ин гуфта аст.



Муҳимтар аз ҳама, ҷавонони бонангу номус ва далеру ғаюри мо ҳамчун сипари боэътимоди давлатдории миллиамон дар ҳифзи марзу буми кишвар ва таъмин намудани суботу оромии ҷомеа қарзи ватандӯстонаи хешро адо менамоянд. Ман ба ҳайси як ҷавон ифтихормандам, ки ҷавонони шарафманди тоҷик анъанаҳои аҷдоди сарбаланди худро идома бахшида, ба Ватан, муқаддасоти давлатӣ ва ҳимояи марзу буми кишвар содиқ будани худро борҳо собит кардаанд.

Илова бар ин, ҳамсолони ман дар корхонаҳои бузурги саноатӣ, соҳаи кишоварзӣ, илму маориф ва дигар бахшҳои иҷтимоии мамлакат содиқонаю софдилона заҳмат кашида, ба хотири ободии Ватан иншооти гуногуни истеҳсолию хизматрасонӣ бунёд менамоянд ва дар сохтмони Нерӯгоҳи барқи обии «Роғун» рисолати шаҳрвандӣ ва қарзи фарзандии худро бо эҳсоси баланди ватандӯстӣ иҷро карда истодаанд. Омили мазкур далели возеҳи он аст, ки наслҳоиояндасози халқи тоҷик оини ҷавонмардӣ ва ватандӯстиву ватандориро мояи ифтихори худ мешуморанд ва ҳар як ваҷаб хоки Тоҷикистони азизро муқаддас меҳисобанд.

Ба шарофати таваҷҷуҳи хоса ва дастгирии мунтазами муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷавонони тоҷик, ки табиатан дӯстдори илму дониш мебошанд, дар пайи омӯхтани касбу ҳунарҳои муосир комёб буда, дар муассисаҳои таҳсилоти оливу миёнаи кишвар ва дар хориҷ аз он бо сари баланд таҳсил менамоянд.

Ҳаводиси ҷаҳони муосир аз ҷавонони кишвар, ки қишри аз лиҳози мағзшӯӣ осебпазир маҳсуб мешаванд, тақозо дорад, ки зиракии сиёсиро аз даст надода, худ ва ҳамсолонро аз таъсири манфии тарғиботи гурӯҳҳои ифротию тундрав эмин нигоҳ доранд. Вазифаи ҷонӣ ва рисолати инсонии мост, ки баҳри боз ҳам таҳким ёфтани нуфузи кишварамон дар арсаи байналмилалӣ талош намуда, дар таҳкими амнияти халқу давлат, сулҳу субот ва боз ҳам устувор гардонидани пояҳои давлатдории миллиамон фаъолу ташаббускор бошем.

Ҳамон тавре Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар таъкид карданд, бояд аз тоҷик будани худ ифтихор дошта бошем, зеро гузаштагони мо дар рушди фарҳангу тамаддуни башарият саҳми бузург гузошта, роҳи ҷаҳониёнро ба сӯйи ҳамзистиву ҳамбастагӣ мунаввар сохтаанд.

---

**Юсуф ҒАФФОРЗОДА,**
**мудири бахши кор бо ҷавонон ва варзиши ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе**

ОБУНА - 2025

ОБУНА БА РӮЗНОМАИ «САДОИ МАРДУМ» - НАШРИЯИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2025

ТАВАССУТИ ОН «САДОИ МАРДУМ» БА ҲАР ХОНАДОНУ КОРГОҲИ КИШВАР РОҲ ЁФТА, ШУМОРО АЗ ТОЗАТАРИН ВА МУҲИМТАРИН НАВИДҲОИ ВАТАНИ АЗИЗ ВА ХОРИҶИ МАМЛАКАТ ХАБАРДОР МЕКУНАД.

НАРХИ СОЛОНАИ ОБУНА, БО ДАРНАЗАРДОШТИ АНДОЗ АЗ АРЗИШИ ИЛОВАШУДА ВА ХИЗМАТРАСОНИИ ПОЧТА, БАРОИ ЯК НУСХА 210 СОМОНӢ МУҚАРРАР ШУДААСТ.

*Суроға: 734018, шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдӣ Шерозӣ - 16 (ошёнаи 6). Нишонӣ ва ҳисоби бонкии рӯзномаи «Садои мардум»: с/ҳ 20202972701904102000; ҳ/м 20402972316264; БИК 350101626; РМА 030004877;*
Шуъбаи №2 КВД БА Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» дар шаҳри Душанбе. Индекси обуна: 68852. Телефонҳо барои маълумот: 238- 53- 71, 238- 53- 49, 238- 54- 57.

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзуи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 424717 | Муассисаи таҳсилоти умумии асосии №15-и ноҳияи Вахши вилояти Хатлон | Хӯроквори | Озмуни кушод | Мол | 27 | 24.09.2024 15:30:10 |
| 2 | 424718 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ | Бензини навъи АИ-92 | Озмуни кушод | Мол | 1 | 24.09.2024 15:35:35 |
| 3 | 424720 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №16-и ноҳияи Ёвон | Таҷҳизоти идоравӣ, техникаи барқӣ, парда, қандил ва микрофон | Озмуни кушод | Мол | 14 | 24.09.2024 15:45:35 |
| 4 | 424721 | Корхонаи давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ»-и ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ | Техникаи боркунанда | Озмуни кушод | Мол | 1 | 24.09.2024 15:55:20 |
| 5 | 424722 | Муассисаи давлатии «Маҷмааи тандурустии дӯстии Тоҷикистону Ӯзбекистон» дар ноҳияи Кубодиён | Ангишт | Озмуни кушод | Мол | 1 | 24.09.2024 16:00:15 |
| 6 | 424723 | Суди вилояти Хатлон | Таъмири ҷории дохили бинои Суди вилояти Хатлон | Озмуни кушод | Кор | 1 | 24.09.2024 16:10:15 |
| 7 | 424725 | Идораи сохтмони асосии шаҳри Бохтар | Сохтмони гузаргоҳи пиёдагард дар кӯчаи Кайхоннавардони шаҳри Бохтар | Озмуни кушод | Кор | 1 | 24.09.2024 16:30:30 |
| 8 | 424719 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои нарм | Озмуни кушод | Мол | 4 | 24.09.2024 16:33:10 |
| 9 | 424724 | Муассисаи давлатии таълимии «Литсей барои хонандагони болаёқат» дар шаҳри Кӯлоб | Хӯроквори | Озмуни кушод | Мол | 34 | 24.09.2024 17:18:48 |
| 10 | 424728 | Беморхонаи марказии ноҳияи Лахш | Ангишт | Озмуни кушод | Мол | 1 | 25.09.2024 10:01:55 |
| 11 | 424729 | Муассисаи давлатии таълими томактабии №11-и шаҳри Конибодом | Хӯроквори | Озмуни кушод | Мол | 33 | 25.09.2024 11:11:11 |
| 12 | 424731 | Шуъбаи сохтмони асосии ноҳияи Балҷувон | Сохтмони бинои гимназия дар маркази ноҳияи Балҷувон | Озмуни кушод | Кор | 1 | 25.09.2024 12:18:35 |
| 13 | 424732 | Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе | Таъмири ҷорӣ дар бинои МТМУ №35-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Озмуни кушод | Кор | 1 | 25.09.2024 12:30:00 |
| 14 | 424733 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Консерваҳои гӯштӣ | Озмуни кушод | Мол | 1 | 25.09.2024 13:00:00 |
| 15 | 424736 | Муассисаи давлатии «Маркази миллии тавонбахшии кӯдакони маъюби «Чорбоғ» дар ноҳияи Варзоб | Мебел, техникаи маишӣ ва таҷҳизоти техникии идоравӣ | Озмуни кушод | Мол | 17 | 25.09.2024 13:40:00 |
| 16 | 424737 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии клиникии бемориҳои касбӣ» | Таҷҳизот ва асбоби лабораторӣ | Озмуни кушод | Мол | 3 | 25.09.2024 14:00:00 |
| 17 | 424738 | Рӯзномаи «Тирози ҷаҳон»-и шаҳри Хуҷанд | Чопи рӯзномаи «Тирози ҷаҳон» | Озмуни кушод | Хизмат-расонӣ | 1 | 25.09.2024 14:11:11 |
| 18 | 424739 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии клиникии бемориҳои равонӣ» | Доруворӣ | Озмуни кушод | Мол | 7 | 25.09.2024 14:50:00 |
| 19 | 424740 | Муассисаи давлатии «Нигоҳдории партовҳои радиоактивӣ» | Таҳияи лоиҳаи барқарорсозии роҳи автомобилгарди деҳоти Лолазор (аз тарафи чапи 24 км роҳи автомобилгарди Ваҳдат-Рашт-Лахш) | Озмуни кушод | Хизмат-расонӣ | 1 | 25.09.2024 15:00:00 |
| 20 | 424734 | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таъмири ҷории боми бинои шуъбаи таваллуди Беморхонаи марказии ноҳияи Сангвор | Озмуни кушод | Кор | 1 | 25.09.2024 15:42:00 |
| 21 | 424735 | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таъмири ҷории системаи гармидиҳии шуъбаҳои ҷарроҳӣ ва кӯдаконаи Беморхонаи марказии ноҳияи Мурғоби ВМКБ | Озмуни кушод | Кор | 1 | 25.09.2024 17:00:00 |
| 22 | 424455 | Корхонаи фаръии «Шахтаи Фон-Яғноб»-и Корхонаи воҳиди давлатии «Ангишти Тоҷик» | Сӯзишвории дизелӣ | Озмуни кушод | Мол | 1 | 26.09.2024 09:00:00 |
| 23 | 424730 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таҷҳизоти ширдӯшӣ, асбоби рӯзгор ва асбобу анҷоми ошхона | Озмуни кушод | Мол | 14 | 26.09.2024 12:14:01 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак барои бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои КВД БА ҶТ «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставелӣ - 22.**

Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.

# ҶАМЪИЯТИ ДОРОИ МАСЪУЛИЯТИ МАҲДУДИ ТАШКИЛОТИ СУҒУРТАВИИ «БИМА ҲАЁТ»
## Ҳисоботи молиявӣ барои соли ҳисоботии 2023

**ҲИСОБОТ ОИДИ ҲОЛАТИ МОЛИЯВӢ**
**БА 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2023**
*(бо ҳазор сомонӣ)*

| | Шарҳ | 2023 | 2022 |
|---|---|---|---|
| **ДОРОИҲО** | | | |
| Воситаҳои пулӣ ва муодили онҳо | 6 | 4 651 | 1 464 |
| Қарздориҳои дебиторӣ аз рӯи амалиётҳои суғуртакунӣ | 7 | 10 | 97 |
| Молҳо | 8 | 4 | 3 |
| Пешпардохти андозҳо | 9 | 31 | 15 |
| Воситаҳои асосӣ | 10 | 270 | 309 |
| Дороиҳои ғайримоддӣ | 11 | 898 | 877 |
| Дороиҳои андозии мавқуфгузошташуда | 12 | - | 115 |
| Ҳиссаи азнавсуғуртакунандагон дар захираи ҳаққи бадастнаомада | 13 | 52 | - |
| Ҳиссаи азнавсуғуртакунандагон дар захираи зарар | | 1 009 | - |
| Амонатҳо дар бонкҳо ва дигар ташкилотҳо | 14 | 500 | 3 966 |
| **ҲАМАГӢ ДОРОИҲО** | | **7 425** | **6 846** |
| **УҲДАДОРИҲО ВА САРМОЯ** | | | |
| Қарздориҳои кредиторӣ | 15 | 52 | 92 |
| Қарздориҳои кредиторӣ аз рӯи амалиётҳои суғуртакунӣ | | 49 | - |
| Захираҳои суғуртавии мукофотҳои азхуднагардида | 16 | 263 | 852 |
| Захираҳои суғуртавӣ барои рӯйпӯши зарар | | 1 800 | 110 |
| Захираҳои суғуртаи ҳаёт | | 55 | - |
| Захираҳо барои чорабиниҳои огоҳкунанда | | 108 | 99 |
| Андозҳо барои пардохт | 17 | 5 | 24 |
| Дигар уҳдадориҳо | 18 | 5 | 17 |
| **ҲАМАГӢ УҲДАДОРИҲО** | | **2 337** | **1 194** |
| **САРМОЯ** | | | |
| Сармояи оиномавӣ | 19 | 5 000 | 5 000 |
| Фоидаи тақсимнашудаи солҳои гузашта | | 54 | - |
| Фоидаи тақсимнашудаи соли ҳисоботӣ | | 34 | 652 |
| **ҲАМАГӢ САРМОЯ** | | **5 088** | **5 652** |
| **ҲАМАГӢ УҲДАДОРӢ ВА САРМОЯ** | | **7 425** | **6 846** |

Аз номи роҳбарият:
Сафаров Ш.Р.
и.в. Директор

Холхоҷаева А.А.
и.в. Сармуҳосиб

**ҲИСОБОТ ОИДИ ДАРОМАДИ УМУМӢ**
**БА 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2023**
*(бо ҳазор сомонӣ)*

| | Шарҳ | 2023 | 2022 |
|---|---|---|---|
| Ҳаққи суғуртавӣ, маблағи умумӣ (ҳаёт) | 20 | 63 | - |
| Ҳаққи суғуртавӣ, маблағи умумӣ | | 252 | - |
| Равонакунӣ ба ташкилоти азнавсуғуртакунӣ | 21 | (528) | - |
| **Ҳаққи суғуртавӣ, холис** | | **(213)** | **-** |
| Тағйироти захираи мукофоти азхуднагардида | 22 | 587 | 1 618 |
| Тағйироти ҳиссаи азнавсуғуртакунандагон дар захираи мукофоти азхуднагардида | | (125) | (1 357) |
| **Мукофотҳои азхудкардаи соф** | | **248** | **261** |
| Зарарҳои суғуртавии танзимшуда | | (96) | (6) |
| Тағйироти захираҳои суғуртаи ҳаёт дар захираи зарар | | (55) | - |
| Тағйироти захираҳои зарар | | - | 71 |
| Тағйироти ҳиссаи азнавсуғуртакунандагон дар захираҳои зарар | | - | - |
| **Зарарҳои бавуҷудомада, азнавсуғуртакунии холис** | | **(151)** | **65** |
| Тағйирот дар захираҳои чорабиниҳои огоҳкунанда | | (9) | (68) |
| Дигар захираҳо | | - | - |
| **Захираи чорабиниҳои огоҳкунанда** | | **(9)** | **(68)** |
| **Натиҷаи амалиёти суғуртавӣ** | | **73** | **258** |
| Хароҷотҳои амалиётӣ | 23 | (17) | - |
| Даромадҳои амалиётӣ | 24 | 197 | 747 |
| **Ҳамагӣ даромад/хароҷотҳои амалиётӣ** | | **180** | **747** |
| Хароҷотҳои ғайриамалиётӣ | 25 | - | (1 351) |
| Даромадҳои ғайриамалиётӣ | 26 | 402 | 812 |
| **Ҳамагӣ даромад/хароҷотҳои ғайриамалиётӣ** | | **402** | **(539)** |
| Хароҷотҳои маъмурӣ | 27 | (637) | (402) |
| **ФОИДА/(ЗАРАРӢ) ТО АНДОЗБАНДӢ** | | **42** | **65** |
| Андоз аз фоида | 28 | (8) | (12) |
| **ФОИДАИ СОФ** | | **34** | **53** |
| Маҷмӯи даромади ғайр | | | - |
| **ҲАМАГӢ МАҶМӮИ ДАРОМАД** | | **34** | **53** |

Аз номи роҳбарият:
Сафаров Ш.Р.
и.в. Директор

Холхоҷаева А.А.
и.в. Сармуҳосиб

**ҲИСОБОТ ОИДИ ҲАРАКАТИ САРМОЯИ ХУДӢ**
**БА 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2023**
*(бо ҳазор сомонӣ)*

| | Шарҳ | Сармояи оинномавӣ | Фоидаи тақсимнашуда | Фонди захиравӣ | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| **Бақия дар 1 январи соли 2023** | | **5 000** | **652** | **-** | **5 652** |
| Фоида ва зарари соли ҳисоботӣ | | - | 34 | - | **34** |
|Ислоҳотҳо дар фоидаи тақсимнашудаи солҳои гузашта | | - | (598) | - | **(598)** |
| Тағйиротҳо дар саҳми сармоя | | - | - | - | - |
| Андози суди саҳмия | | - | - | - | - |
| **Бақия дар 31 декабри соли 2023** | | **5 000** | **88** | **-** | **5 088** |

Аз номи роҳбарият:
Сафаров Ш.Р.
и.в. Директор

Холхоҷаева А.А.
и.в. Сармуҳосиб

**ҲИСОБОТ ОИДИ ГАРДИШИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ**
**БА 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2023**
*(бо ҳазор сомонӣ)*

| | Шарҳ | 2023 | 2022 |
|---|---|---|---|
| **ҲАРАКАТИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ АЗ ФАЪОЛИЯТИ АМАЛИЁТӢ** | | | |
| Фоида/(Зарар) то андозбандӣ | | 42 | 65 |
| **Тасҳеҳҳо оид ба моддаҳои ғайрипулӣ:** | | | |
| Истеҳлоки воситаҳои асосӣ ва дороиҳои ғайримоддӣ | | 122 | 24 |
| Дигар даромад ва хароҷоти ғайрипулӣ | | - | 692 |
| Тағйирот дар ЗММ | | (1) | - |
| Фоизҳои қабулшуда аз фаъолияти сармоягузорӣ | | (197) | (57) |
| Тағйирот дар қарздории дебиторӣ аз рӯи амалиётҳои суғуртавӣ | | (1 877) | (100) |
| Тағйироти ҳисобҳо барои қабул | | - | (97) |
| Тағйироти қарздории дебитории кӯтоҳмуҳлат | | (16) | 1 849 |
| Тағйирёбии дороиҳои андозии мавқуфгузошташуда | | (115) | (115) |
| Тағйирот дар қарздориҳои кредиторӣ | | - | 92 |
| Тағйирот дар дигар уҳдадориҳои ҷорӣ | | 36 | 17 |
| Тағйирот дар қарздориҳои кредиторӣ аз амалиётҳои азнавсуғуртакунӣ | | - | (1 425) |
| Тағйирот дар дигар қарздориҳои кредиторӣ | | - | - |
| Тағйирёбии қарздориҳои кредиторӣ | | (40) | - |
| Тағйирёбии андозҳо барои пардохт | | (7) | (115) |
| Тағйироти захираи мукофоти азхуднагардида | | (203) | (1 618) |
| Тағйироти ҳиссаи азнавсуғуртакунандагон дар захираи мукофоти азхуднагардида | | (256) | 1 357 |
| Тағйирот дар захираи суғуртавии барои рӯйпӯши зарар | | 1 390 | (71) |
| Тағйироти ҳиссаи азнавсуғуртакунандагон дар захираи суғуртавии барои рӯйпӯши зарар | | (945) | - |
| Тағйироти захираҳои суғуртаи ҳаёт дар захираи зарар | | 116 | - |
| Тағйирот дар дигар захираҳои суғуртавӣ | | 18 | 74 |
| Андоз аз фоидаи пардохтшуда | | (37) | (35) |
| **ҲАМАГӢ ҲАРАКАТИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ АЗ ФАЪОЛИЯТИ АМАЛИЁТӢ** | | **(476)** | **537** |
| **Гардиши воситаҳои пулӣ аз фаъолияти сармоягузорӣ:** | | | |
| Хариди воситаҳои асосӣ | | - | (300) |
| Хариди дороиҳои ғайримоддӣ | | - | (900) |
| Амонатҳо дар бонкҳо ва дигар ташкилотҳо | | 3 466 | (3 466) |
| Фоизҳои қабулшуда аз фаъолияти сармоягузорӣ | | 197 | 57 |
| Фурӯши воситаҳои асосӣ | | - | - |
| **ҲАМАГӢ ҲАРАКАТИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ АЗ ФАЪОЛИЯТИ ИНВЕСТИТСИОНӢ** | | **3 663** | **(4 609)** |

# ЭЪЛОН!

ҶСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» пораву партовҳои металҳои сиёҳ, ранга ва пластикҳои корношоямро ба тариқи озмуни дохилӣ аз 6 то 20 сентябри соли 2024 ба фурӯш мебарорад.

**Суроға:** шаҳри Душанбе, хиёбони Исмоили Сомонӣ-64, бинои ҶСК «Барқи Тоҷик», ошёнаи 6, ҳуҷраи 107, шуъбаи хариди мол, кор ва хизматрасонии ҶСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ».

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Билети донишҷӯии гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ширин-шоҳ Шоҳтемур соли 2022 ба Шайманов Парвиз Музаффарович додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи силсилаи ДШ №0650240 дар бораи фаъолияти муштарак, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 21-уми августи соли 2015 таҳти феҳрасти №ЗДШ-957 ба Ашуров Фаррух Фархатович ва Қодиров Абдуёсин Лазизович додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати гумшудаи ҳуқуқи истифодаи замини хоҷагии деҳқонии «Туймурод-Н», ки онро Кумитаи идораи замини шаҳри Ҳисор соли 2013 ба Холиқов Туймурод додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи манзили истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Н. Қарабоев, бинои 110, хонаи 79, ба Раҳимов Амиршо додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи манзили истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Хатлон, хонаи 28 «А», ба Одинаев Ҳабибулло Исоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи манзили истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе моҳи апрели соли 1992, таҳти қайди 50131 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҷ. Расулов, бинои 55/1, хонаи 39, ба Мирзоев Ҷӯрақул Эшонқулович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи манзили истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе 3-юми майи соли 2021 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ, кӯчаи Лоҳутӣ, бинои 61, хонаи 8, ба Шукуров Азиз Пулодович додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшуда оид ба ҳуқуқи моликият супоридани квартира таҳти феҳрасти 1Ш-680 6-уми майи соли 2021, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Лоҳутӣ, бинои 61, хонаи 8, ба Шукуров Азиз Пулодович додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшудаи №0318451 дар бораи бақайдгирии давлатӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе 17-уми майи соли 2021 таҳти №43304 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ, кӯчаи Лоҳутӣ, бинои 61, хонаи 8, ба Шукуров Азиз Пулодович додааст, эътибор надорад.

✓ Ҳуҷҷатҳои таъсисии гумшудаи ҶДММ «Дар-кан» (Шаҳодатномаи бақайдгирии давлатӣ, Иқтибос аз феҳрасти ягонаи шахсони ҳуқуқӣ ва рақами мушаххаси андозсупоранда - 630015933, РЯМ 6310008815), эътибор надоранд.

✓ Аттестати гумшудаи силсилаи Т-АТА №1229528, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №48-и ноҳияи Рӯдакӣ соли 2021 ба Абдураҳмонзода Абубакр Муҳамадалӣ додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи силсилаи АБ №085625, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 48-и ноҳияи Рӯдакӣ соли 1999 ба Назаров Акмал Мунаваршоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи силсилаи Т-АТУ №0175203, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №30-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе соли 2007 ба Бахтиёри Талабзода додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшуда бо шартҳои махсус, ки онро Нозироти андоз дар шаҳри Панҷакент 30-юми августи соли 2022 ба Ҳайдарова Фирӯза Давроновна (РЯМ 6030167294, РМА 605070455) додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи манзили истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Нусратулло Махсум, бинои 77/3, хонаи 7, ба Ғуломов Субҳон Раҳматович додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Нусратулло Махсум, бинои 77/3, хонаи 7, ба Ғуломов Субҳон Раҳматович додааст, эътибор надорад.

✓ Билети гумшудаи донишҷӯӣ, ки онро Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов соли 2021 ба Назирмуҳаммадзода Ҷунайдулло додааст, эътибор надорад.

✓ Билети гумшудаи №23037-05-и донишҷӯӣ, ки онро МДТ «Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон» соли 2023 ба Сангов Муҳаммад Илхомиддинович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи манзили истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Навобод, хонаи 74, ба Гадоева Гульбарг Ҷумаевна додааст, эътибор надорад.

# БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ ҶДММ «Дуредгар сохтмон» (РЯМ 0410040694, РМА 040063119), ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 5-уми январи соли 2023 ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ Намояндагии ҶДММ «Трест Гидромонтаж» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (РМА 040029832), воқеъ дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҷ. Расулов, бинои 60, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоятҳо давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ ҶДММ «Дар-кан» (РМА 630015933, РЯМ 6310008815), ки соли 2014 дар Нозироти андоз дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоятҳо давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи демократӣ ва волоияти қонун

Садои мардум

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР
Бахтовар КАРИМЗОДА

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Абдухолиқ Мирзоев,*
*Далер Абдулло,*
*Ориф Ёдгоров,*
*Сайфиддин Суннатов,*
*Шариф Атобуллоев,*
*Фарзона Файзалиева,*
*Фархунда Абдулҳакимова*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдӣ Шерозӣ-16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238-53-71; Сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238-53-56; муовин 238-54-52; котибот 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238-58-91; муҳаррири шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238-58-93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238-52-97; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238-54-57; хабарнигорон дар ВМКБ 93-355-51-03; вилояти Хатлон 919-67-88-78, 985-82-81-97; вилояти Суғд 92-773-28-76; ШНТҶ 000-03-03-80, 918-68-40-17.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз чор саҳифа, бо шрифти 14, Times New Roman Tj, интервали 1,5 зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 6 сентябри соли 2024, соати 17:00 иҷозат дода шуд. Адади нашр 33085 нусха*

Навбатдорони шумора Ш. Ҳусейнзода ва Ф. Абдулҳакимова

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97